**Нусха**

**аз қарори ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз санаи 20.11.2021, №4**

**Иштирок доштанд:**
номзадони илм, дотсентон, Самадов А.С., Соҳибназарова Ҳ.Т., Маҳмудзода М.А.
н.и.ф., муаллими калон, Азиззода Д.М. муаллимони калон Қадамсаидов С., Зокирзода М.
ассистентон Сафарзода Р.А., Ҳамроев О.А., Шоназаров З., Акрамова О.

**Рӯзнома:**

1. Баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи доктор (PhD)-и Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума н.и.ф., дотсент Соҳибназарова Ҳ.Т. оғоз намуда, доир ба навгониҳо оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва муқаррароти дарҷшудаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ба ҳозирин маълумот дод. Ҳамзамон, мавсуф қайд кард, ки Сафарзода Рухангези Акбар рисолаи номзадии худро, ки таҳти роҳбарии профессор Турсунов Ф.М. анҷом додааст, барои муҳокима ба кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума пешниҳод намуд. Онро устодони кафедра номзадони илмҳои филологӣ, дотсентон Самадов А.С., Соҳибназарова Ҳ.Т., Азиззода Д.М. ва Маҳмудзода М.А. хонда, барои муҳокима дар кафедра тавсия доданд.

Сипас, сухан ба муаллифи диссертатсия Сафарзода Рухангези Акбар дода шуд ва номбурда ба таври мухтасар тавассути презентатсия мазмун ва муҳтавои диссертатсияи худро баён карда, бандҳои ба муқаддима ва қисмати хулоса воридшударо ишора намуд.

Баъдан аъзои ҷаласа ба муҳокимаи диссертатсия оғоз намуданд.

Самадов А.С., н.и.ф., дотсент дар баромади худ қайд кард, ки мавзуи диссертатсия проблемаҳои илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро инъикос менамояд. Дар диссертатсия дар қисмати муқаддима бояд он бандҳое, ки тибқи талаботи нав ҷорӣ шудаанд, илова карда шавад. Пас аз ислоҳи камбудиҳо диссертатсияи мазкурро метавон ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Соҳибназарова Ҳ.Т., н.и.ф., дотсент дар баромади худ қайд кард, ки муқаддимаи кор бори дигар таҷдиди назар гардад. Ҳамчунин, рӯйхати адабиёт мувофиқи талабот ба низом даровarda шавад. Баъди ислоҳи ғалатҳои ҷойдошта ва розигии муқарризон диссертатсияи мазкурро метавон барои баррасӣ ба бахшҳои минбаъда пешниҳод намуд.

Маҳмудзода М.А., н.и.ф., дотсент баромад намуда, иброз дошт, ки он бандҳое, ки дар қисмати муқаддима ва хулоса илова шудаанд, дар автореферати намунаи тоҷикӣ ва русӣ дарҷ карда шаванд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ишорашуда диссертатсияи мазкурро метавон барои баррасӣ ба бахшҳои минбаъда пешниҳод намуд.

Азиззода Д.М., н.и.ф., муаллими калони кафедра дар баромади худ қайд кард, ки қисмати хулоса бо талаботи муқаррароти дарҷшудаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, мутобиқ карда шавад. Баъди ислоҳи камбудиҳо диссертатсияи мазкурро метавон барои баррасӣ ба бахшҳои минбаъда пешниҳод намуд.

Пас аз баромади муқарризон докторант ба музокира баромада, муқарризонро барои таҳлили диссертатсия ва пешниҳодоту маслиҳатҳо изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки дар оянда камбудиҳои пешниҳодшуда ислоҳ хоҳанд шуд.

Ҷаласаи кафедраро мудири кафедра дотсент Соҳибназарова Ҳ.Т. ҷамъбаст намуда, қайд кард, ки камбудиҳо аз тарафи докторант ислоҳ ва пас аз он ба бахшҳои минбаъда пешниҳод хоҳад шуд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, маҷлиси кафедра чунин

**ҚАРОР КАРД:**

1. Докторант вазифадор карда шавад, ки дар кутоҳтарин муҳлат диссертатсияро тибқи муқаррароти дарҷшудаи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, таҳриру такмил диҳад.
2. Диссертатсияи докторант (PhD)-и Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума”, кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедра ва котиби ҷаласа вогузор карда шавад.

Раиси маҷлис: Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Котиби маҷлис: Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович